Ба №545 аз 29 ноябри соли 2023

Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мавзуъ: оид ба рафти иҷрои Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои бандҳои Нақшаи амал барои солҳои 2023-2025-и Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2023, №545 ба тасвиб расидааст, эҳтиромона маълумотро дар замима манзур менамояд.

Замима: 17 саҳифа.

Раис С. Раҳимзода

Иҷрокунанда: Барзудӣ М.
Тел 221-15-07

Маълумот

оид ба рафти иҷрои бандҳои Нақшаи амал барои солҳои 2023-2025-и Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2023, №545)

**Банди 1** (Такмили сохтори ниҳодию ҳуқуқӣ тавассути ислоҳоти қонунгузорӣ).

Ҷиҳати татбиқи фасли сеюми Нақшаи амали Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 дар назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон аз ҳисоби роҳбарияти вазорату идораҳо, ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушд таъсис дода шудааст, ки он аз 28 марти соли 2015 №24219(22-7) аз ҷониби Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шуд.

Мақсадҳои асосии таъсиси Гурӯҳи кории байниидоравӣ рушд ва дастгирии соҳибкорӣ миёни занон ба воситаи тақвият бахшидани механизмҳои ҳамкорӣ байни давлату бахши хусусӣ ва таъмини муколамаи озоди мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ, ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ, шарикони рушд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати масъалаҳои рушди соҳибкории занон дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Тибқи қарори раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2020, № 402 фаъолияти Гурӯҳи кории болозикр васеъ карда шуд.

Ҷаласаҳои Гурӯҳи кории мазкур мунтаззам баргузор шуда, мушкилиҳо дар самти рушди соҳибкории занон, ҷавонон ва шахсони имконияташон маҳдуд баррасӣ шуда, таклифу пешниҳодҳо манзур мешаванд.

Тибқи Нақшаи кории Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон, ҷавонон ва шахсони имконияташон маҳдуд дар соли 2024 дар доираи татбиқи бандҳои Нақша чорабиниҳо корҳо дар самти такмили сохтори ниҳодию ҳуқуқӣ тавассути ислоҳоти қонунгузорӣ идома хоҳад ёфт.

**Банди 2** (Таҳкими қонунгузории меъёрҳои соҳибкории занон).

Бо ташаббуси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ мизи мудаввар таҳти унвони “Ҷанбаҳои ҳуқуқии муайянсозии мафҳуми соҳибкории занон дар таҷрибаи байналмилалӣ” бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ, ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ ва шарикони рушд ташкил ва баргузор гардид.

Мақсади чорабинӣ муҳокимаи таҷрибаи беҳтарин ва стандарти байналмилалӣ ҷиҳати муайян кардани соҳибкории бонувон, усулҳои роҳандозию муайянсозии мафҳуми соҳибкории бонувон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи шаклҳои татбиқи ташаббуси мазкур бо мақсади

фароҳам овардани заминаи ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории бонувон мебошад. Дар рафти мизи мудаввар таҷрибаи беҳтарини байналмилалӣ вобаста ба муайянсозии мафҳуми соҳибкории бонувон, меъёрҳои стандартӣ барои муқаррар намудани соҳибкории бонувон, инчунин таҳлили муносибатҳо оид ба ҷорӣ намудани шакли якхелаи мафҳуми соҳибкории бонувон муаррифӣ гардид.

Дар фарҷоми чорабинӣ изҳори итминон карда шуд, ки бо дарназардошти нуктаҳои зикргардида ва муҳимияти мавзуъҳои баррасишуда вобаста ба муайянсозии ҷанбаҳои ҳуқуқии соҳибкории бонувон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор корҳоро дар самти мазкур тақвият диҳанд.

Тибқи Нақшаи кории Гурӯҳи кории доимоамалкунанда оид ба тақвият бахшидан ба рушди соҳибкорӣ байни ҷавонон, занон ва шахсони имконияташон маҳдуд дар соли 2024 дар доираи татбиқи бандҳои Нақша чорабиниҳо корҳо дар самти баргузории таҳлили заминаи меъёрии ҳуқуқии қисмати муайян намудани меъёрҳои соҳибкории занон ва тавсияҳо оид ба таҳкими қонунгузорӣ, таҳияи пешниҳодҳо ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии зарурӣ ва дигар ҷанбаҳои пӯрзурнамоии қисмати мазкур мунтазам корбарӣ идома дорад.

**Банди 3 (**Таҳлили заминаи меъёрии ҳуқуқии қисмати муайян намудани меъёрҳои соҳибкории занон ва тавсияҳо оид ба таҳкими қонунгузорӣ).

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бо мақсади таҳлили заминаи меъёрии ҳуқуқии қисмати муайян намудани меъёрҳои соҳибкории занон ва тавсияҳо оид ба таҳкими қонунгузорӣ дар ҳамкорӣ бо ассотсиатсияҳои соҳибкорон ва шарикони рушд таҳлил гузаронида, рафти натиҷаҳои таҳлил ва тавсияҳо оид ба рушди тиҷорати электронӣ, истифодаи воситаҳои муосири рушди соҳибкорӣ миёни занон ва ҷавонон дар ҷаласаи 22-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

**Банди 5. 6.7** (Бо дарназардоштани беҳтар шудани шароити меҳнат бознигарии рӯйхати ихтисосҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ шудааст ва ҳадди ниҳоии меъёри борҳое, ки барои занон дастӣ бардоштан ва кашонидани онҳо иҷозат дода мешавад.Таҳлили шароит ва стандартҳои меҳнати касбҳои манъшуда бо мақсади таҳияи тавсияҳо оид ба баланд бардоштани стандартҳои меҳнат ва беҳдошти шароит. Таҳия намудани маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои бознигарии касбҳои манъшуда).

Қобили зикр аст, ки бо дарназардоштани беҳтар шудани шароити меҳнат бознигарии рӯйхати ихтисосҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ шудааст ва ҳадди ниҳоии меъёри борҳое, ки барои занон дастӣ бардоштан ва кашонидани онҳо иҷозат дода мешавад, дар назди Вазорати

меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис дода шуд.

Натиҷаи бозбинии касбҳои манъшуда барои занон бо дарназардошти автоматикунонии раванди истеҳсолот ва беҳтар гаштани шароити меҳнат, бо мақсади дастрасии занон ба касбҳои дахлдор ва зиёд намудани даромаднокӣ, беҳтар шудани шароити меҳнат, бознигарии ихтисосҳо, таҳлили шароит ва стандартҳои муайяншудаи меҳнат, касбҳои манъшуда бо мақсади таҳияи тавсияҳо оид ба баланд бардоштани стандартҳои меҳнат ва беҳдошти шароит дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд ва омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷа ҷиҳати тавсияи фарогирӣ ва беҳдошти сифати ҷамъоварии омори ҷудо кардашудаи иқтисодӣ бо таснифоти гендерӣ, мавриди омӯзиш ва корбарии дақиқ қарор дода шуд.

Ҳамзамон, дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 2017, №179 “Дар бораи рӯйхати корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ карда мешавад ва ҳадди ниҳоии меъёри борҳое, ки барои занон дастӣ бардоштан ва кашонидани онҳо иҷозат дода мешавад” таҳия ва, ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, ки вобаста ба он Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2023, №568 ба тасвиб расида, 336 номгӯи қаблии рӯйхати корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ карда мешавад, ба 194 номгӯй расонида шуд.

**Банди 8 ва 9** (Тавсеаи фарогирӣ ва беҳдошти сифати ҷамъоварии омори ҷудокардашудаи иқтисодӣ бо таснифоти гендерӣ. Дар иттилои оморӣ пешбинӣ намудани ҷамъоварии маълумоти тақсимшуда аз руи соҳибкории занон).

Мавриди зикр аст, ки Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотҳои оморӣ оиди беҳдошти сифати ҷамъоварии омори ҷудокардашудаи иқтисодӣ бо таснифоти гендериро ба роҳ монда, мунтазам оиди ҷамъоварии маълумоти тақсимшуда аз руи соҳибкории занон ба Кумита маълумотҳои зарурӣро пешниҳод менамояд.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи «Равзанаи ягона» то 1 январи соли 2024 дар миқёси ҷумҳурӣ 350,2 ҳазор адад субъектҳои хоҷагидор фаъолият мекунад, ки ин нишондод дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 10138 адад ва ё 2,9 фоиз зиёд мебошад. ки фарогирӣ ва беҳдошти сифати ҷамъоварии омори ҷудокардашудаи иқтисодӣ бо таснифоти гендерӣ мебошад.

Бояд зикр намуд, ки аз шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ фаъолияткунанда беш 76360 ададро соҳибкорзанон ташкил медиҳанд, ки ин 24 фоизи шумораи умумиро дар бар мегирад.

Аз шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор, соҳибкорони инфиродӣ соҳибкорзанон 76360 адад дар миқёси ҷумҳурӣ ба қайд гирифта шудааст, ки

ин нишондиҳанда дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 849 адад ва ё 1,1 фоиз зиёд гардида аст:

-соҳибкоронзанон бо шаҳодатнома 6847 ҳазор адад ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 139 адад ё 2 фоиз зиёд гардидааст;

-хоҷагиҳои деҳқонӣ тахти роҳбарии занон фаъолияткунанда 38927 ҳазор адад ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 216 адад ва ё 2,5 фоиз зиёд гардидааст.

- соҳибкорзанон бо патент 99405 адад ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 104241 адад ё 0,3 фоиз зиёд гардидааст.

**Банди 15** (Тавсеаи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва имкониятҳои занони соҳибкор).

Вобаста ба ҷорӣ намудани усулҳои муосири соҳибкорӣ, баланд бардоштани малакаи касбӣ ва саводнокии молиявии соҳибкорон, аз ҷумла занони соҳибкор мунтаззам чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Аз ҷумла, аз ҷониби Муассисаи давлатии “Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон”-и назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва марказҳои хизматрасонии он дар соли 2023 зиёда аз 200 чорабиниҳои омузишӣ бо иштироки занони соҳибкор гузаронида шуд.

Инчунин, ҷиҳти иҷрои бандҳои Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва баланд бардоштани фаъолнокии занон дар бахши иқтисодиёт аз ҷониби Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд семинарҳо ва дигар чорабиниҳои омузишӣ, аз ҷумла барои баланд бардоштани малакаи касбӣ ва таҳияи дурусти лоиҳаҳои соҳибкорӣ барои занон аз оилаҳои камбизоат, занони саробони оила ва занон аз оилаҳои муҳоҷир баргузор карда шуд.

Дар робита ба ин бо мақсади боз ҳам ҳавасманд ва зиёд намудани шумораи занон ба фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2021 “Дар бораи грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон дар соли 2021-2025” ҳамасола озмун баҳри дарёфти гранти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Аз ҷумла, дар соли 2023 ба 80 нафар бонуи соҳибкор ба ҳаҷми 2,500 млн. сомонӣ дар лоиҳаҳои самти мухталифи соҳибкорӣ грант дода шуд.

**Банди 16** (Таҳия ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ барои занони соҳибкор дар бахши бонкӣ).

Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи миллии занҳои соҳибкор “Кадбону” бо дастгирии Бонки миллии Тоҷикистон санаи 12 майи соли 2023 дар меҳмонхонаи “Серена” озмуни “20 бонуи муваффақ дар соҳаи бонкдории Тоҷикистон” баргузор намуд.

Озмуни мазкур асосан аз рӯйи 5 номинатсия аз ҷумла, "Беҳтарин роҳбари воҳиди сохторӣ", "Беҳтарин корманди бэк офис (шуъбаҳои ҳисобдорӣ, аудит ва ғайра)", "Беҳтарин эксперти қарзӣ", "Беҳтарин корманд оид ба пасандоз ва кортҳои пардохтӣ" ва "Беҳтарин корманд дар самти технологияҳои иттилоотии бонкӣ" баргузор карда шуд.

Дар озмуни мазкур 55 нафар бонувон кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ иштирок намуданд, ки 20 нафари онҳо ғолиб дониста шуда, бо ҷоиза ва тухфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар соли 2023 барои омӯзонидани занҳои соҳибкор дар самти дастрасӣ, истифода ва сифатнокии хизматрасониҳои молиявӣ сохтори махсус ташкил карда шудааст. Масалан, дар сохтори Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи ташкилоти қарзии хурди "Ҳумо" тули се сол "Ҳумо Академия" фаъолият менамояд, ки асосан ба таври ройгон курсҳои омӯзишии IT технология, дизайни ҷуғрофӣ, менеҷмент ва дигар ихтисосҳои талаботи зиёддоштаро баргузор менамояд.

Пас аз анҷоми курсҳои мазкур ба хатмкунандагон ҷиҳати таъмини минбаъдаи ҷойи кор коромӯзӣ пешниҳод карда мешавад.

Аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии "Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк"ба ҳолати 31 декабри соли 2023 аз ҳисоби захираҳои дохилию хориҷӣ ба 53 муштарӣ зиёда аз 1,8 млрд.сомонӣ маблағҳои қарзӣ пешниҳод намудааст. Аз ҷумла ба 14679 нафар занону бонувон 243 млн. сомонӣ қарз дода шудааст. Қарзҳои додашудаи Бонк ба соҳаи саноат 20,9 %, кишоварзӣ 19,2 % , истеъмолӣ 30, 3%, сохтмон 12,2 %, тиҷорат 12,5% ва дигар хизматрасонӣ ( нақлиёт, сайёҳӣ, тандурустӣ, хуроки умумӣ) 4,9 % рост меояд.

**Банди 17** (Таҳияи маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки имкониятҳои қонунии дастрасии фосилавиро ба хизматрасонии молиявӣ ва ғайримолиявӣ кушодани суратҳисобҳои бонкӣ бо истифода аз расмиёти мушаххаскунии фосилавӣ ва вариантҳои имзои электронии ракамӣ, ҳамчунин истифодаи ҳуқуқии ҳуҷҷатҳои электрониро таъмин менамоянд)

Вобаста ба масъалаи мазкур бо кумаки техникии Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ, ҷалби коршиносони байналмилалӣ ва намояндагони вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ", таҳия гардид, ки аз 15 марти соли 2023, таҳти №1965 мавриди амал қарор гирифт.

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, тартиби гардиш ва истифодаи ҳуҷҷатҳои электронӣ, инчунин таъсис ва истифодаи имзои электрониро дар раванди ташаккули истифодаи ҳуҷҷатҳои электронӣ муқаррар менамояд.

Илова бар ин, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади васеъ намудани имкониятҳои қонунии дастрасии фосилавии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ, бо истифода аз расмиёти

мушаххаскунии фосилавӣ ба як қатор санадҳо, аз ҷумла Дастурамали №255 "Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ" дар таҳрири нав таҳия гардида, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон 30 декабри соли 2022, №157 қабул гардид ва 9 феврали соли 2023, №1213 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шуд.

Бояд қайд намуд, ки бо тасдиқ гардидани санади мазкур, имкониятҳои қонунии дастрасии фосилавӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ фароҳам оварда шуд, аз ҷумла мафҳуми мушаххаскунии фосилавии шахсияти муштарӣ муайян гардида, тартиби баррасӣ ва пешниҳоди қарз ба муштариён тариқи фосилавӣ муқаррар гардид. Минбаъд бо истифода аз усулҳои мушаххаскунии фосилавии шахсияти муштарӣ, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи қарзӣ метавонад дар шакли электронӣ ва бидуни иштироки бевосита (мустақим)-и муштарӣ баста шавад. Дар ин ҳолат ташкилоти қарзӣ бояд имконияти ба таври дахлдор санҷидани дурустии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо бо истифода аз таҷҳизоту технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дошта бошад.

Ҳамчунин, қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №207 “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2011, №74” (Дастурамали №171 «Дар бораи кушодан, аз нав ба расмият даровардан ва бастани суратҳисобҳои бонкӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»), қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Оид ба Дастурамали №257 дар бораи санҷиши дахлдори муштарӣ” аз 2 августи соли 2023, №85 тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шудааст.

Илова ба ин, Бонки миллии Тоҷикистон оид ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Феҳристи хизматрасониҳои давлатӣ”, ки аз тарафи масъули асосии банди 17 – Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, таклифу пешниҳодҳои мушаххасро ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намудааст.

Вобаста ба ин тибқи тартиб иловатан маълумот пешниҳод карда мешавад.

**Банди 21** (Баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ, идоракунӣ, рақамӣ ва интернетӣ).

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ, аз ҷумла занон аз ҷониби Кумита дар ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон як қатор чорабиниҳои маърифатӣ ва фаҳмондадиҳӣ баргузор карда шуд.

Бахусус, санаи 26 октябри соли 2023 дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, 23 ноябр дар шаҳри Бохтар ва 14 декабр дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон фестивали “Саводнокии молиявӣ” баргузор гардида, ҳадаф аз баргузории чорабиниҳо – васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии онҳо маҳсуб меёбад.

Маврид ба зикр аст, ки чорабиниҳои болозикр аз 3 қисмат иборат буда, дар қисмати аввали онҳо, яъне “Форуми саводнокии молиявӣ” коршиносони соҳа дар мавзуъҳои “Маърифати молиявӣ ва зарурати он”, “Пардохтҳои ғайринақдӣ ва роҳҳои пешгирии амалҳои қаллобони молиявӣ”, “Таъсири меъёрҳои иҷтимоӣ ба рафтори молиявӣ”, “Бехатарии молиявӣ”, “Низоми суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Роҳҳои баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ”, “Нақши ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ҷараёни баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ”, “Саводнокии молиявӣ – заминаи асосӣ барои тиҷорати муваффақ” ва “Муҳиммияти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ” бо рӯнамо баромад намуданд.

Ҳамзамон, дар қисматҳои дуюм ва сеюми фестивали саводнокии молиявӣ намоиши хизматрасониҳои молиявӣ ва бозиҳои зеҳнӣ баргузор гардид, ки дар онҳо оид ба саводнокии молиявӣ саволҳо пешниҳод карда шуданд ва ба нафароне, ки ба саволҳо ҷавобҳои дуруст гардониданд, туҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуд.

Бояд қайд кард, ки аз баргузории чорабиниҳои мазкур дар телевизионҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин саҳифаҳои иҷтимоӣ гузоришҳо пахш карда шуданд.

Ҳамчунин, бо мақсади баланд бардоштани маърифати молиявии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ саҳифаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла “Facebook”, “Instagram” ва “Telegram” фаъол буда, кори онҳо аз ҷониби кормандони шуъбаи саводнокии молиявии идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ пеш бурда мешавад, як қатор маводҳои иттилоотӣ таҳия ва ҷойгир карда шуданд. Аз ҷумла, дар мавзуи “Бюрои қарзӣ чист?”, “Хизматрасониҳои молиявии электронӣ ва рақамӣ”, “Пасандоз - ояндаи дурахшон”, “Истифодабарии ҳамёни электронӣ” ва “Тарзи дурусти истифодабарии банкоматҳо”, инчунин тавсияҳо оид ба “Сарфа кардан ва ҷамъ кардани пул”, “Барои соҳибкорони навкор: чӣ гуна бояд тиҷорати худро дуруст ба нақша гирифт” ва “Роҳҳои амали қаллобони молиявӣ” омода ва дар саҳифаҳои иҷтимоӣ ҷойгир карда шуданд.

Инчунин , дар доираи маъракаи “World savings day”, ки ҳамасола дар ҷаҳон 31 октябр ҷашн гирифта мешавад, Бонки миллии Тоҷикистон якҷо бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ 255 семинари омӯзишӣ бо фарогирии зиёда аз 11 000 нафар аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, дар мавзуи саводнокии молиявӣ маводи иттилоотӣ паҳн намуд.

**Банди 24** (Васеъ намудани хизматрасонии электронӣ ба соҳибкорон, аз ҷумла занон).

Ҷиҳати беҳтар намудани муносибатҳои андозӣ бо андозсупорандагон, самаранокии фаъолияти мақомоти андоз, маъмурикунонии андоз, боз ҳам зиёд намудани номгӯи хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ, кам кардани истифодаи ҳуҷҷатгузории қоғазӣ, такмилу роҳандозӣ намудани барномаҳои компютерӣ, ташкили

доду гирифти маълумотҳо дар шакли электронӣ байни вазорату идораҳо ва коҳиш додани сатҳи иқтисоди пинҳонӣ, тайи солҳои охир як қатор тадбирҳо андешида шудаанд.

Дар айни замон, аз ҷониби Кумитаи андоз барои андозсупорандагон ва шаҳрвандон 83 адад хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ мавриди истифода қарор дода шудааст, ки барои сода ва қулай намудани иҷрои уҳдадориҳои андозии онҳо мусоидат менамояд.

Қобили қайд аст, ки бо назардошти рушди технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ ва омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ, 7 адад чунин хизматрасониҳо дар соли равон таҳия ва мавриди истифода қарор дода шудаанд. Аз ҷумла, дар асоси аризаҳои пешниҳод намудаи андозсупорандагон ба таври автоматӣ бақайдгирӣ ва ҳисоб намудани андозҳо аз объектҳои бизнеси бозӣ, андози ягонаи кишоварзӣ, бақайдгирии истифодабарандагони имтиёзҳои андозӣ, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои электронӣ барои бақайдгирии давлатӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисоб намудани андози иҷтимоӣ нисбати саҳмдорони хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ғайраҳо.

Бо ин мақсадҳо ба раванди гузариши андозсупорандагон ба тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳо тақвият бахшида шуда, дар айни замон зиёда аз 160,0 ҳазор субъектҳои хоҷагидор ҳисоботҳо ва эъломияҳои худро ба мақомоти андоз тариқи электронӣ пешниҳод намуда истода, барои бо чунин тартиб гузаронидани дигар андозсупорандагон аз ҷониби мақомоти андоз чораҷӯиҳо идома доранд.

Барои таъмини субъектҳои хоҷагидорӣ бо имзои электронии рақамӣ ҷиҳати дар шакли электронӣ пешниҳод намудани ҳисоботи андозӣ, аз моҳи апрели соли 2023 платформаи нави “Мушаххаскунии мобилӣ ва имзои электронии рақамӣ” мавриди амал қарор дода шуд. Тибқи тартиби мазкур минбаъд андозсупорандагон ба модули компютерии “Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда” дар реҷаи мустақим (онлайн) пайваст шуда, ҳисоботҳо ва эъломияҳои андозро ба мақомоти андоз дар шакли электронӣ пешниҳод менамоянд.

Бо мақсади содагардонии бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки аз 15 марти соли 2023 мавриди амал қарор гирифт. Мутобиқи тағйиру иловаҳои воридгардида, раванди бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ боз ҳам содда гардида, мувофиқи принсипи “Равзанаи ягона” муҳлати анҷоми амали бақайдгирии давлатӣ аз 3-5 рӯзи корӣ ба 24 соат ва имкониятҳои истифодаи тартиби электронии бақайдгирии давлатӣ пешбинӣ карда шуд. Тибқи Қонун анҷом додани амалҳои бақайдгирии давлатӣ, аз ҷумла бақайдгирии давлатии соҳибкорони инфиродии тибқи патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда дар муҳлати то 24 соат аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои дахлдор пешбинӣ карда шудааст.

Ҷиҳати ташкили хизматрасонии фосилавӣ ба андозсупорандагон, дар мақомоти андоз тартиби электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (аз ҷумла, соҳибкори тибқи патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда) ба роҳ монда шудааст, ки ҳамаи амалҳои бақайдгирӣ ройгон сурат мегиранд.

**Банди 26** (Баланд бардоштани сатҳи дониш ва огоҳии занони соҳибкор аз муқаррароти қонунгузорӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ, андоз, гумрук, иҷозатдиҳӣ ва ғайра).

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар ҳамкорӣ бо Кумитаи андоз корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон, аз ҷумла гузаронидани семинар – машваратҳо, вохӯриҳо, роликҳои тарғиботӣ ва дигар намудҳои корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳиро анҷом медиҳад.

Дар соли ҷорӣ тибқи нақшаи чорабиниҳои Кумитаи андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки андозсупорандагон зиёда аз 1700 семинар – машварат, вохӯриҳо ва видеоконференсияҳо баргузор гардида, дар рафти онҳо дар баробари ба андозсупорандагон омӯзонидани қонунгузории андоз, инчунин вобаста ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳунармандӣ низ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шудааст.

Дар ин давра аз ҷониби мақомоти андоз ба воситаи шабакаҳои мухталифи телевизиони давлатӣ, марказҳои иттилоотӣ, сомонаҳои интернетӣ, радио, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои даврӣ барнома, эълон ва мақолаҳо нашр ва паҳн карда шуд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳ ва пайваста беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон почтаи электронӣ ва Шуъбаи иттилоотии Кумитаи андоз – Маркази тамос бо истифодаи рақамҳои содакардашудаи телефонии “151, 152” ва телефони боварии Раиси Кумитаи андоз ва саҳифаҳои Кумитаи андоз дар шабакаҳои иҷтимоии «Telegram» ба роҳ монда шудааст.

Ҷиҳати сода намудани дастрасии шаҳрвандону андозсупорандагон ба муқаррароти Кодекси андоз, бахусус имтиёзҳои андозӣ, бо фармоиши раиси Кумитаи андоз дар саҳифаҳои иҷтимоии «Telegram» ва «Viber» саҳифаи алоҳидаи “Шарҳу тавзеҳи Кодекси андоз” кушода шуда, дар он пайваста санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи андоз. аз ҷумла Кодекси андоз, ҷавоб ба саволҳо, видео-роликҳои омӯзишӣ, барномаҳои телевизионӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ҷойгир карда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар соли 2023 якчанд вохӯрии роҳбарияти Кумита бо намояндагони ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳои соҳибкорон вобаста ба муайян намудани таъсири раванди муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав пас аз як соли мавриди амал қарор гирифтани он нисбат ба фаъолияти бахши хусусӣ ва натиҷагирӣ намудани самаранокии он гузаронида шуд.

Инчунин, дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Ҳисор дар соли 2023 бо мақсади

иттилоотонии субъектҳои соҳибкорӣ вобаста ба ислоҳотҳои гузаронидашуда ва муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти дастгирии соҳибкорӣ, аз ҷумла муқаррароти қонунгузории шарикии давлат ва бахши хусусӣ, низоми иҷозатдиҳӣ, иҷозатномадиҳӣ, санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023 – 2027, инчунин муайян намудани мушкилот ва камбудиҳои мавҷудбуда дар раванди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд.

Дар вохуриҳо намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ ва намояндагони бахши хусусӣ иштирок намуданд.

**Банди 27** (Бартараф намудани тасаввуроти иҷтимоию фарҳангии ҷамъиятӣ нисбат ба занони соҳибкор).

Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади фароҳам овардани шароит барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои иқтисодии занон, беҳтаркунонии сатҳи зиндагӣ, афзоиши даромади хоҷагӣ, дастрасии занон ба захираҳои иқтисодӣ, ҷалби занон ба шуғл ва рушди малакаҳои соҳибкории онҳо дар якҷоягӣ бо Вазорати нақлияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи лоиҳаи Бонки Осиёии Рушд дар шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод бо иштироки 100 нафар занони хонашин тренинги омӯзишӣ баргузор намуд.

Дар ин раванд, аз ҷониби Раёсати кор бо занон ва оилаи вилояти Суғд баланд бардоштани фаъолнокии занон дар ба бахши иқтисодиёт, дастгирии соҳибкории занон бо занону духтарони хонашин ва лаёқатманди ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳои Спитамен, Бӯстон, Исфара, Зафаробод, Конибодом, Айнӣ, Ашт, Ҷ.Расулов, Деваштич ва Мастчоҳ силсилаи семинарҳои омӯзишӣ гузаронида шуд.

Ҳамзамон, Кумита вобаста ба масъалаҳои рӯзмарраи ҷомеа, пешгирии никоҳи хешутаборӣ, худкушию худсӯзӣ, пешгирии гаравидани онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, ба шуғл фаро гирифтани занони хонашин ва баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии занон дар бозори меҳнат дар ҷамоати шаҳраки Ҳисори шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти Турсун Туйчиеви шаҳри Турсунзода, ҷамоати деҳоти Бозорбой Бурунови шаҳри Ваҳдат, ҷамоати деҳоти Пули Сангини шаҳри Норак, ҷамоати деҳоти Фахрободи ноҳияи Хуросон, ҷамоати деҳоти Обшорони ноҳияи Ёвон, ҷамоати деҳоти Сомониёни ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати шаҳраки Файзобод бо иштироки собиқадорони меҳнат, фаъолзанон, раисони шӯроҳои занони маҳалаҳо, директорон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва занону бонувони хонанишин суҳбату вохӯриҳо доир гардиданд.

Инчунин, аз тарафи зерсохторҳои Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои минтақаи Рашт бо мақсади фароҳам овардани шароит барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои иқтисодии занон, беҳтаркунонии сатҳи

зиндагӣ, афзоиши даромади хоҷагӣ, дастрасии занон ба захираҳои иқтисодӣ, ҷалби занон ба шуғл ва рушди малакаҳои соҳибкории онҳо чорабиниро бо иштироки занони хонашин баргузор намудаанд.

Дар давоми соли 2023 масъулини Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ ва семинарҳои омӯзишӣ байни аҳолӣ ва ходимони дин гузаронида шуд. Дар ин давра, дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо ва созмонҳои ҷамъиятӣ бо ҷалби масъулини соҳаи танзим, занон, ходимони дин, ҷавонон ва фаъолон дар як қатор шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар масъалаҳои мубрами рӯз суҳбату мулоқотҳо баргузор гардида, пешбурди корҳои тарбиявӣ дар байни гурӯҳҳои мухталиф дар самти таҳкими фарҳанги оиладорӣ, фаъолгардонии нақши занон, рушди соҳибкории занон, муҳиммият ва зарурати таҳсилоти занон, бартарафсозии қолабҳои гендерӣ, аз байн бурдани хушунати оилавӣ, пешгирии никоҳҳои бармаҳал ва бекоршавии ақди никоҳ, тарғиби тарзи ҳаёти солим, танзими анъана ва ҷашну маросим роҳандозӣ гардиданд.

Дар доираи амалишавии Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин, Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистонва Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027 дар ҳамкорӣ бо Агентии рушди байналмилалии ИМА дар Тоҷикистон (USAID) дар давоми моҳҳои ноябр ва декабри соли 2023 дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон семинарҳои омӯзишӣ дар мавзӯи “Модари солим ва кӯдаки солим” барои ходимони дин гузаронида шуд, ки дар рафти онҳо дар баробари мавзуъҳои матраҳгардида масъалаҳои бартараф намудани тасаввуроти иҷтимоию фарҳангии ҷамъиятӣ нисбат ба соҳибкории занон низ мавриди омӯзиш қарор гирифт. Дар семинарҳои мазкур беш аз 240 нафар ходимони дин аз шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Хуросон, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Ёвон, Ҷайҳун, Ҷалолиддини Балхӣ, Леваканд ва Вахши вилояти Хатлон иштирок доштанд.

Дар ин давра кормандони Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри пурзӯр намудани корҳои таблиғотию фаҳмондадиҳӣ пайваста дар барномаҳои иттилоотӣ, маърифатӣ ва таҳлилии телевизионҳои Тоҷикистон, Сафина, Ҷаҳоннамо, Душанбе ва дар мусоҳибаҳои радиои Тоҷикистон, Садои Душанбе ва Фарҳанг дар мавзӯъҳои “Пешгирии никоҳи хешутаборӣ”, “Кароҳияти издивоҷи хешутаборони наздик”, “Мақоми зан дар ҷомеа”, “Пешгирии хушунати хонаводагӣ”, “Сабабҳои вайроншавии оилаҳои ҷавон” ва доир ба риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” иштироку баромад доштанд.

**Банди 28** (Беҳдошт ва тавсеаи дастрасии занон ба иттилоот оид ба соҳибкорӣ).

Ҷиҳати рушду дастгирии соҳибкории занон аз тарафи Муассисиаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон”-и назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ пайваста чорабиниҳои омӯзишию маърифатӣ доир карда мешавад, ки дар он шумораи зиёди занони соҳибкор ширкат менамоянд.

Аз ҷумла, дар давоми соли 2023 аз ҷониби Муассиса  зиёда аз 515 адад чорабиниҳои омӯзишӣ гузаронида шуд, ки шумораи занону бонувони ҷалбгардида беш аз 4370 нафар мерасад.

Ҳамзамон, ҷиҳати рушду дастгирии соҳибкории занон чорабиниҳо аз қабили тренингҳои омӯзишӣ, барномаи инкубатсионӣ, экпресс курсҳо, тренингҳо вобаста ба баланд бардоштани маърифати молиявии занону бонувон, озмун миёни соҳибкорони навкор, мизҳои мудаввар, мастер классҳо ва ғайраҳо гузаронида шуданд.

Дар соли 2023 аз ҷониби Муассиса 19 мастер-классҳои минтақавӣ дар самтҳои дӯзандагӣ, таррохӣ ва қаннодӣ бо ҷалби беш аз 220 нафар занон ташкил гардид.

**Банди 29** (Тарғиби симои мусбати занони соҳибкор тавассути ҳамаи шабакаҳои дастраси воситаҳои ахбори омма ).

Бо мақсади тарғиби симои мусбати занони соҳибкор тавассути ҳамаи шабакаҳои дастраси воситаҳои ахбори омма “Телевизиони Тоҷикистон” ҷиҳати татбиқи “Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон  дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027” барномаи “Соҳибкор”-ро доир ба мавзуъҳои нақши занони соҳибкор дар рушди иқтисоди миллӣ ва дастрасии занони соҳибкор ба маблағҳои қарзии ташкилотҳои молиявӣ таҳия ва пешниҳод намуд.

Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» вобаста ба масъалаи мазкур як силсила барномаву гузоришҳоро таҳия ва пахш кардааст. Аз ҷумла, силсилабарномаи «Ифтихори ватандорӣ» дар бораи корманди Маркази фарҳангии шаҳри Екатеринбурги Федератсияи Россия  оид ба бонувони соҳибкори тоҷик дар шаҳри Хабаровски Федератсияи Россия ва таъсиси мизи мудаввари доимоамалкунанда оид ба ҳуввияти миллӣ, расму ойин ва ҳифзи забони тоҷикӣ; дар бораи фаъолияти кориву ҷамъиятии раиси Ҷамъияти бонувони тоҷик дар шаҳри Хабаровски Федератсияи Россия дар бораи соҳибкорзанони муваффақи тоҷик дар шаҳри Новосибирски Федератсияи Россия оид ба фаъолияти тоҷирон ва моликони Марказҳои савдо ва сарпарастони занону бонувони тоҷик дар шаҳри Челябински Федератсияи Россия омода ва пешниҳод гардид. Ҳамчунин, хабару гузоришҳо ба воситаи барномаи иттилоотии «Хабар» дар бораи занони фаъол ва барӯманди тоҷик дар дохил ва берун малакат пахш карда мешавад.

**Банди 30** (Таъсиси барномаи ҳарҳафтаина дар телевизиони марказӣ оид ба баррасии мушкилот ва монеаҳои рушди соҳибкории занон, инчунин роҳҳои ҳалли онҳо).

Бо мақсади таъсиси барномаи ҳарҳафтаина дар телевизиони марказӣ оид ба баррасии мушкилот ва монеаҳои рушди соҳибкории занон, инчунин роҳҳои ҳалли онҳо Радиои Тоҷикистон ва шабакаҳои он доир ба соҳибкории занону бонувон бо иштироки коршиносони соҳа барномаҳои "Бону", "Бонувони муваффақи Тоҷикистон", "Оламафрӯз" ва "Суҳбати рӯз"-ро таҳия ва пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, тариқи барномаҳои мазкур дар иртибот ба фаъолияти соҳибкорзанон, аз ҷумла, саҳми бонувон дар пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол ва иқтисоди миллӣ муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корманди Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии ва аъзоёни он дар шаҳру ноҳияҳо ибрози назар намуданд.

**Банди 31** (Ҳамасола гузаронданн форум бахшида ба Рӯзи байналмилалии занони соҳибкор (18 ноябр).

Бо мақсади дар сатҳи баландӣ касбӣ ҷашн гирифтани "Рузи байналмиллалии занони соҳибкор" Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва шарикони рушд ҳамасола форуму ҳамоиш баргузор менамояд.

Санаи 15 ноябри соли 2023, дар меҳмонхонаи "Ҳаят Реҷенсӣ" дар доираи ЭКСПО 2023 ва бахшида ба Рӯзи байналмилалии занони соҳибкор ҳамоиш дар мавзӯи "Рушди соҳибкории занон: шарикӣ ва имкониятҳои рушд" бо иштироки муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони вазорату идораҳо, шарикони рушд ва соҳибкорзанон баргузор гардид.

**Банди 32** (Ташкил ва баргузор намудани озмунҳои "Ташкилоти қарзии молиявии беҳтарин оид ба хизматрасонии соҳибкори бонувон" ва "Бонуи муваффақ дар соҳаи бонкдории Тоҷикистон").

Бо мақсади таъмини иҷрои банди 6 Протоколи №1к/22-1 ҷаласаи XXII Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ аз 16 июни соли 2022 Бонки миллии Тоҷикистон аз рӯйи натиҷаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба бонувони соҳибкор дар соли 2022 озмуни «Ташкилоти қарзии молиявии беҳтарин оид ба хизматрасонии соҳибкории бонувон»-ро баргузор намуд.

Бо мақсади таъмини шаффофияти арзёбии натиҷаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар самти хизматрасонии бонкӣ ба бонувони соҳибкор ҳайати ҳакамони озмуни мазкур интихоб гардид, ки ба он раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари котиботи Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ шомил карда шуданд.

Дар натиҷа оид ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар соли 2022 аз рӯйи номинаи додани қарзи маблағгузории исломӣ, ҷалби пасандозҳо, кушодан ва пешбурди суратҳисоби бонкӣ ва додани кафолати

бонкӣ маълумоти зарурӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, 12 майи соли 2023 дар Бонки миллии Тоҷикистон маросими ҷоизасупории ғолибони озмуни “Ташкилоти қарзии молиявии беҳтарин оид ба хизматрасонии соҳибкории бонувон”дар фазои тантанавӣ баргузор ва ҷамъбаст гардид.

Дар чорабинӣ роҳбарият ва кормандони Бонки миллии Тоҷикистон, намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон ва ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон, ҳайати ҳакамон, кумитаи тадорукот, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ ва воситаҳои ахбори омма ширкат варзиданд.

Мақсади асосии ташкил ва баргузор намудани озмуни мазкур ташвиқ ва тарғиби хизматрасонии молиявӣ дар байни субъектҳои хоҷагидор, аҳолӣ ва махсусан занҳои соҳибкор, афзун намудани дастрасии хизматрасонии бонкӣ ба онҳо ва ҳавасмандгардонии ташкилотҳои қарзии молиявӣ мебошад.

Ҳамчунин, бо пешниҳоди Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи миллии занҳои соҳибкор “Кадбону” ва бо дастгирии Бонки миллии Тоҷикистон ва санаи 12 майи соли 2023 дар меҳмонхонаи “Серена” озмуни “20 бонуи муваффақ дар соҳаи бонкдории Тоҷикистон” баргузор карда шуд.

Озмуни мазкур асосан аз рӯйи 5 номинатсия, аз ҷумла, “Беҳтарин роҳбари воҳиди сохторӣ”, “Беҳтарин корманди бэк офис (шуъбаҳои ҳисобдорӣ, аудит ва ғайра)”, “Беҳтарин эксперти қарзӣ”, “Беҳтарин корманд оид ба пасандоз ва кортҳои пардохтӣ” ва “Беҳтарин корманди дар самти технологияҳои иттилоотии бонкӣ” баргузор карда шуд.

Дар озмуни мазкур 55 нафар бонувон аз ҳисоби кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ иштирок намуданд, ки 20 нафари онҳо ғолиб дониста шуда, бо ҷоиза ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.

**Банди 33** (Гузарондани чорабиниҳо (озмунҳо, рейтингҳо доир ба интихоби занони соҳибкор)).

Санаи 25 октябри соли 2023 дар вилояти Хатлон Форуми занони сохибкори вилоят таҳти унвони “Дониш ва навоварӣ барои занони деҳот” бо иштироки раиси вилояти Хатлон муҳтарам Давлаталӣ Саид намояндагони ташкилотҳои байналмиллали дар Тоҷикистон ва намояндагони шарикони рушд баргузор карда шуд.

Дар кори Форуми занони соҳибкори вилоят муовинони раисони шаҳру ноҳияҳо оид ба соҳаи иҷтимоӣ, мудирони шуъба ва бахшҳои кор бо занон ва оилаи шаҳру ноҳияҳо, раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, соҳибкорзанони муваффақ, роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ ва намояндагони касбу кори гуногун аз ҳисоби занон зиёда аз 700 нафар иштирок намуданд.

Ҳадафи асосии баргузории Фестивали “Дониш ва навоварӣ барои занони деҳот” муаррифии имкониятҳо барои занону духтарон ва ҷавонон ба воситаҳои нави молиявӣ, омузиш ва мубодилаи таҷрибаи байналмиллалӣ ҷиҳати фароҳам овардани имконият ва пешбурди

фаъолияти соҳибкорӣ, баланд бардоштани фарҳанги андозсупорӣ, муаррифии имкониятҳо ҷиҳати истифодаи технологияи муосир, муарифии имкониятҳои фароҳам дар минтақаҳои дурдаст ва дар ҳамин замина тақвияти рушди иқтисоди миллӣ муаррифӣ карда шуд.

Дар доираи баргузории Фестивал ярмаркаи Дониш дар соҳаи соҳибкорӣ ва рушди технологияи муосир ташкилкарда шуд, ки дар он бонувон метавонанд барои пешбурди минбаъдаи фикру андешаҳои худ оид ба тиҷорат, ба роҳ мондани ҳамкорӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва дастрас намудани маълумот руҳия ва илҳоми тоза гиранд.

Ҳамзамон, дар доираи Рӯзи соҳибкорон ва Рӯзи байналмилалии занони соҳибкор ба як қатор бонувони соҳибкор ифтихорномаҳо дода мешавад.

**Банди 34** (Рушди инфрасохтори муосир барои дастгирии соҳибкории занон).

Қобили зикр аст, ки аз 31 декабри соли 2018, №624 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии “Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон” таъсис дода шуд. Ҳадаф аз таъсиси Муассисаи мазкур ин дастгирии методӣ, иттилоотӣ, машваратӣ ва омузишӣ соҳибкорони навтаъсис мебошад. Инчунин бахшҳои он дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Кӯлоб, Хоруғ, Хуҷанд ва дар минтақаи Рашт фаъолият менамоянд.

Дар давраи фаъолияти муассиса беш аз 730 чорабиниҳои гуногуни омӯзиши дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида шуда, шумораи умумии иштирокчиён наздик ба 18 000 нафар, аз ҷумла занонро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон, айни ҳол корҳо дар самти рушди сармояи венчурӣ, кор бо ассотсиатсияҳои соҳавӣ ва донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар ҷиҳати ҷалб ва ҳавасмандии ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ густариш ёфта истодаанд.

Инчунин, дар соли 2023 зиёда аз 35 нафар соҳибкорони навтаъсис (стартапҳо) омода гардида, 8 нафари онҳо худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифтаанд.

Муассиса ҷиҳати ҷалб, роҳнамоӣ ва ҳавасманд намудани ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ кӯшишҳои ҳамаҷонибаи хешро ба роҳ монда, минбаъд низ ин равандро идома хоҳад дод.

**Банди 35** (Ҷоннок кардани фаъолияти гурӯҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон, ҷавон ва шахсони имконияташон маҳдуд).

Бояд қайд намуд, ки ҷаласаҳои Гуруҳи кории байниидоравӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон, ҷавонон ва шахсони имконияташон маҳдуди назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ мунтаззам баргузор карда мешаванд, ки дар доираи ҷаласаҳо мушкилиҳо баррасӣ шуда, таклифу пешниҳодҳо манзур мегарданд.

Дар соли 2023 6 ҷаласаи Гуруҳи корӣ, аз ҷумла ду ҷаласаи сайёр дар ноҳияи Рашт ва дар шаҳри Хоруғи ВМКБ, ду мизи мудаввар баргузор шуданд.

**Банди 36** (Таъсис ва амалӣ намудани портали Гурӯҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон, ҷавонон ва шахсони имконияташон маҳдуд дар сомонаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, ки иттилоотро оид ба имкониятҳои занон дар рушди иқтидори соҳибкорӣ ҷамъ меоварад).

Дар сомонаи расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ портали Гурӯҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон, ҷавонон ва шахсони имконияташон маҳдуд таъсис дода шуда, маълумотҳои зарурӣ мунтаззам ворид карда мешаванд.

**Банди 38** (Гузаронидани ҳамоишҳо бо иштироки тарафҳои масъули мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ, намояндагони иттиҳодияи соҳибкории занон (бизнес -ассотсиатсияҳои занон) ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ дар мавзуъҳои "Тадбирҳои пешбарӣ ва дастгирии соҳибкории занон").

Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва занони соҳибкор мунтаззам ҳамоишҳо ва вохуриҳо гузаронида мешаванд.

Дар давоми соли 2023 ҳамоишҳо дар мавзӯҳои "Фаъолияти босуботи соҳибкории занону ҷавонон – омили таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёт" ва "Рушди соҳибкории занон: шарикӣ ва имкониятҳои рушд" бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо, шарикони рушд, ассотсиатсияҳо ва бахши хусусӣ баргузор гардид.

Дар фарҷоми чорабинӣ, як қатор бонувони соҳибкор барои саҳми арзанда дар амалисозии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди соҳибкории бонувон бо Сипосномаҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ карда шуданд.

**Банди 39** (Ҷорӣ намудани механизми дастгирии дастрасии занон ба таълими маҳорати соҳибкорӣ ва мушовирӣ).

Қобили зикр аст, ки Муассисаи давлатии "Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон"-и назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахшҳои он дар шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати дастгирии методӣ, иттилоотӣ, машваратӣ ва омӯзишӣ ба соҳибкорони навтаъсис таъсис дода шудааст.

Илова бар ин, дар назди муассисаи мазкур бо кумаки машваратии коршиносони хориҷӣ бизнес инкубаторҳои хусусӣ, краудфандинг, барномаҳои хусусии инкубатсия, акселератсия ва марказҳои коворкинг ташкил карда шудаанд, ки ба соҳибкорони ҷумҳурӣ кумакҳои машваратӣ пешниҳод менамоянд. Аз оғози фаъолият то имрӯз чорабиниҳои гуногуни омӯзишӣ бо ҷалби зиёда аз 22700 нафар гузаронида шуда, аз ин ҳисоб 9088

нафар занон ва 9596 нафар ҷавонону донишҷӯён фаро гирифта шудаанд. Ин раванд боз ҳам идома дошта, дар соли 2024 баргузории беш аз 400 чорабинӣ ба нақша гирифта шудааст.

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор рафти амалишавии барномаи мазкурро зери назорат қарор дода, тибқи тартиби муқарраргардида маълумот манзур менамояд.